**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Автореферати диссертасия муаррифии мухтасар, вале пурмуҳтавои нуқтаҳои калидии тадқиқоти илмӣ мебошад, ки ба таҳлили фаъолияти академик Талбак Назаров — яке аз шахсиятҳои барҷаста дар таърихи Тоҷикистони пас аз истиқлол бахшида шудааст. Дар он таваҷҷуҳи хоса ба саҳми ин шахсияти давлатӣ дар раванди ниҳодикунонии дипломатияи тоҷик, муайянсозии самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар ва ташаккули Вазорати корҳои хориҷӣ дар шароити гузариши пасошуравӣ дода шудааст.

Мавзӯи тадқиқот бешак дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, дар доираи таҳкими таҳлили илмии раванди сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1990–2000 хеле муҳим аст. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи муаллиф ба нақши шахсият ҳамчун омили таъсиррасон ба самти рушди як муассисаи давлатӣ таҳқиқоти мазкурро боз ҳам мубрамтар мегардонад.

Ба андешаи мо, интихоби мавзуъ саривақтӣ ва пурра асоснок мебошад. Зеро дар шароити тағйироти глобалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва болоравии аҳамияти дипломатияи минтақавӣ, таҳлили таҷрибаи ташаккули сохторҳои сиёсати хориҷии миллӣ, хусусан, барои кишварҳои пасошуравӣ зарур ва саривақтӣ гардидааст.

Шахсияти Талбак Назаров ҳамчун як фарди ватандӯст, ки дар давраҳои ҳассос роҳбарии ниҳоди сиёсати хориҷиро бар дӯш дошт, сазовори таҳлили ҷудогона аст. Муаллиф бо далелҳои илмӣ нишон медиҳад, ки академик Талбак Назаров на танҳо муаррификунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ буд, балки шахсан дар асоси пайравӣ ба сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули асосҳои консептуалии сиёсати хориҷии кишвар, рушди заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва иқтидори кадрии дипломатияи тоҷик саҳмгузор аст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои навоварии илмию амалӣ мебошад. Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф кӯшиши ҳамаҷониба ва мукаммали таҳлили мероси сиёсиву дипломатии яке аз чеҳраҳои муҳимтарини таърихи муосири Тоҷикистонро анҷом додааст. Муаллиф ба шарҳи биографии академик Талбак Назаров иктифо накарда, балки фаъолияти ӯро дар заминаи равандҳои сиёсӣ, мустаҳкамкунии сохтори давлатӣ ва арсаи байналмилалӣ таҳлил намудааст.

Метавон гуфт, ки асоси методологии кори мазкурро омезиши таҳлили таърихию сиёсӣ ва равиши сохторӣ ташкил медиҳад, ки ин усул ба кашфи робитаҳои сабабию оқибатӣ миёни амалҳои шахсият ва равандҳои бунёди давлат мусоидат менамояд.

Аз матн ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда дар автореферат бармеояд, ки дар тадқиқот ҳам ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ ва ҳам сарчашмаҳои ёддоштӣ, мақолаҳои матбуотӣ ва мусоҳибаҳо истифода шудаанд, ки ин ба кори илмӣ ҳам хислати илмӣ ва ҳам ғановати воқеӣ мебахшад.

Автореферат дорои сохтори мукаммал ва мантиқӣ буда, ҷанбаҳои асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертасияро инъикос мекунад. Мақсад ва вазифаҳои асосии тадқиқот муайян карда шудаанд, нуқтаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, мушаххас гаштаанд, аҳамияти илмӣ ва амалии кори тадқиқот ба таври асоснок нишон дода шудааст.

Ҳамзамон, месазад, ки дар асоси манти автореферат таваҷҷуҳи алоҳида ба ин нуқтаҳо кард:

- марҳилаҳои ташаккули хизмати дипломатии Тоҷикистон;
- фаъолияти байналмилалии Талбак Назаров, аз ҷумла иштироки ӯ дар форумҳо, гуфтушунидҳо ва раванди сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон;
- бунёди мактаби миллии дипломатияи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ;
- мустаҳкам намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ ва иқтидори кадрии мақомоти сиёсати хориҷӣ.

Ҳамаи ин самтҳо дар асоси саҳми Талбак Назаров дар онҳо баррасӣ шудаанд, ки дар маҷмуъ, таҳқиқотро бо муҳтавои яклухт ва мантиқии дохилӣ фарққунанда мегардонад.

Дар асоси манти автореферат метавон гуфт, ки арзиши назариявии тадқиқот дар васеъ намудани дониши илмӣ дар бораи механизмҳои ташаккули фаъолияти сиёсати хориҷии як кишвари тозаистиқлол зоҳир мегардад. Арзиши амалӣ бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои кор дар курсҳои таълимии таърихи дипломатияи Тоҷикистон, дар барномаҳои тайёр кардани кадрҳо барои мақомоти сиёсати хориҷӣ ва таҳияи маводи таҳлилӣ барои муассисаҳои дахлдори давлатӣ мебошад.

Инчунин, метавон гуфт, ки маводи ин таҳқиқот метавонад замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба дипломатияи миллӣ дар фазои пасошӯравӣ, инчунин, таҳқиқоти муқоисавӣ дар самти мазкур бо дигар давлатҳои минтақа гардад.

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки автореферат дорои таҳлили ҳамаҷониба ва асосноки саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва

рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳқиқот бо сатҳи баланди таҳияи назариявӣ ва таҷрибавӣ фарқ намуда, он натиҷаи як тадқиқоти мустақил, саривақтӣ ва арзишманди илмиро таҷассум мекунад. Хулосаҳои дар тадқиқот пешниҳодшуда дорои мантиқ ва аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, бо назардошти матни автореферат ва таҳлилҳои мутаъмади илмии унвонҷӯ метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти илмии Раҷабзода А.Н. дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) сазовор дониста мешавад.

Муқарриз, н.и.т., мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав Мирзоев Ғ.Ш

Имзои Мирзоев Ғ.Ш -ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

30.04.2025.

**Нишонӣ:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru